Испытывались два типа плёнок - полиэтиленовая и поливинилхлоридная.

Для изучения их пригодности поставлены три варианта опыта:

1. Длительное хранение листа в мешках из синтетической плёнки (от 2 до 5 суток).

2. Кормление гусениц под покровом синтетической плёнки.

3. Кратковременное хранение листа в низкобортных деревянных бункерах, выложенных внутри и закрытых сверху плёнкой.

В зависимости от варианта, контролем служили свежие листья или листья, прикрытые влажной тарной джутовой тканью и выкормка гусениц без покрова из плёнок.

В двух опытах при весенней выкормке (2013-2015 гг.) листья трёх сортов шелковицы (Хасак, Вьетнамский, Сугдиён-1 и их смеси) хранились в мешках из указанных плёнок по 24 и 48 час. Показателем свежести являлось содержание в них воды и величина pH.

Листьям после хранения дана тщательная органолептическая характеристика (табл.1).

Таблица 1

Содержание воды в листьях шелковиц, %

Условия хранения листа	Сорта шелковицы				Величина pH
	Хасак	Вьетнамский	Сугдиён	Смесь сортов	
Свежий лист (контроль)	79,65	80,49	81,43	79,44	7,40
Лист, хранившийся: в плёнке поливинилхлоридной	77,18	79,31	80,47	78,13	7,40
в плёнке полиэтиленовой	78,00	78,52	81,06	79,02	7,45

Примечание: образцы сортов отобраны 27 апреля, смеси – 5 мая; срок хранения образцов сортов – 24 часа, смеси – 48 часов.

Как видно, листья, хранившиеся в мешках из поливинилхлоридной и полиэтиленовой плёнок 24 и 48 часов, содержат одинаковое со свежим листом количество воды и величину pH. Внешний их вид после указанных сроков хранения был совершенно

свежим, с сохранившимся тургором и первоначальной зелёной окраской; лист не имел запаха, но был слегка сыроватым.

Длительное хранение листа шелковицы (до трёх суток) в мешках из плёнки делает возможным транспортировку его на большие расстояния и заготовку перед непогодой и даже перед заморозками в начале выкормок.

В связи с недостатком листьев в Согдийской области в 1986 году самолётом листья шелковицы транспортировались из Кургантюбинской области. Из-за длительности полёта и повышения температуры испортилось более 40% листьев. В связи с изменением климатических условий республики нами проведено кормление гусениц листьями, покрытыми плёнками. Плёнкой обтягивали ящики, установленными на специально изготовленный каркас, такого же размера, как и полки деревянных этажерок.

Гусениц I возраста располагали на нижних полках на газетной бумаге, а II и III возрастов – в ящиках, прошитых по дну бязью. Аэрация шла снизу, что препятствовало быстрому подсыханию заданного листа.

Рис 1. **Выкормка гусениц под плёнкой**

В контрольном варианте при кормлении гусениц тутового шелкопряда листьями, укрытыми плёнкой, количество подкормок в зависимости от возраста сократилось от 8 до 6 раз в сутки. Выкармливались породы Китай-7 и Р-13. Этот опыт был совмещён с установлением коэффициентов использования и перевариваемости белка и органических веществ листа шелковицы (табл. 2).

На основе данных исследований можно рекомендовать во всех возрастах, кроме V, кормление под покровом плёнок 3 раза в сутки, вместо 6-8 раз, как принято в практике шелководства республики. При этом значительно уменьшается расход листа на одну гусеницу (13-14%), экономится труд, используется более питательный корм.

Кроме описанных опытов, проведена работа по кратковременному (12-24 час) хранению листа шелковицы в специальных ящиках. Повторные опыты осуществлялись в весеннюю и летнюю выкормки 2015 года.

Лист обычно заготавливался два раза в сутки – утром, с 6 до 9 и вечером с 17 до 20 часов. Гусениц младших возрастов кормили мелко нарезанными листовыми пластинками, старших – листовыми пластинками на побежках и побегах. В связи с этим количество воды в листе и величина pH определялись по периодам его развития, отдельно у проб утренней и вечерней заготовки.

Заготовленный для опыта лист хранился в специальных низкобортных, с деревянными стенками ящиках, дно которых обшито бязью, а сверху обкладывались плёнкой. Ящик для первого возраста прикрывался деревянным бруском, на который натягивалась плёнка.

Таблица 2

Биологические показатели при кормлении гусениц под плёнкой

Вариант опыта	Продолжительность гусеничного периода, дни	Жизнеспособность гусениц, %	Выход коконов глухарей, %	Средняя масса кокона, г	Средний процент оболочки кокона	Коэффициент использования листа			Коэффициент перевариваемости листа	
						возраст				
						I	II	III	белка	органических веществ
Кормление без покрова (контроль)	25 дней 16 час	92,3	2,32	2,17	20,70	39,5	57,2	80,3	72,03	53,25
Под плёнкой полиэтиленовой	26	92,1	1,63	1,95	20,50	42,2	63,8	77,2	72,20	53,90
Под плёнкой поливинилхлоридной	26	89,0	1,13	1,90	20,95	45,8	65,8	83,0	71,50	53,30

В листохранилищах соблюдался обычный гидротермический режим, а на выкормках – рекомендованный для породы Китай-7.

Анализировались свежие и хранившиеся в течение 12 или 24 часов листья. Опыт включал три варианта в зависимости от материала, использованного для покрытия. Контролем служили свежие листья.

Результаты весенней выкормки приведены в таблице 3 (использованы листья гибридной шелковицы).

Таблица 3

Содержание воды в листьях различных вариантов опыта

Характер покрова	Содержание воды, %		Величина pH листа утренней заготовки и после 12 час. хранения
	В листе утренней заготовки и после 12 час. хранения	В листе вечерней заготовки и после 12 час. хранения	
Свежий лист после заготовки (контроль)	78,97	77,88	6,85
Под плёнкой поливинилхлоридной	78,09	77,26	6,65
Под плёнкой полиэтиленовой	77,46	76,73	6,65
Под смоченной тарной джутовой тканью	74,81	73,79	6,60

Аналогичный опыт был поставлен на Опытной станции шелководства. Листья трёх сортов шелковицы - Хасак, Вьетнамский и Сугдиён хранились по отдельности в течение 24 часов под теми же типами плёнок. Контролем служили свежие листья. В этом опыте повторилась закономерность, установленная в предыдущем исследовании. При хранении под полиэтиленовой плёнкой в течение 24 часов потери воды листьями были на 1,5, 2,8 и 2,2% больше (соответственно по сортам), чем свежими после заготовки. При хранении под поливинилохлоридной плёнкой потери воды в листьях сорта Хасак составили 4,8%, Вьетнамский – 2,1 и Сугдиён – 1,3%. Для установления перевариваемости породы Китай-7 и Р-13 выкармливались листьями, хранившимися под плёнкой. Корм задавался в равном количестве в каждое кормление: в I возрасте 8 раз в сутки, в II и III – 6 раз. Конечные результаты опыта оценивались по тем же хозяйственно-биологическим показателям, что и в предшествующих исследованиях. Контролем служил лист, хранившийся под влажной тарной джутовой тканью (табл. 4).

Таблица 4

Биологические показатели гусениц

Вариант опыта	Продолжительность гусеничного периода, дни	Жизнеспособность гусениц, %	Выход коконов глухарей, %	Средняя масса кокона, г	Средний процент оболочки	Коэффициент использования листа			Коэффициент перевариемости листа	
						возраст				
						I	II	III	белка	органических веществ
Хранение под тарной джутовой тканью (контроль)	25 дней 16 час.	92,3	2,32	2,17	20,7	39,5	57,2	80,3	72,03	53,25
Хранение под поливинилхлоридной плёнкой	25 дней 20 час.	90,8	1,83	2,22	20,5	38,2	61,1	80,4	71,11	52,60
Хранение под полиэтиленовой плёнкой	25 дней 20 час.	93,7	2,37	2,15	21,0	38,1	56,8	82,2	70,00	50,90

Как видно, существенных различий между показателями в опытных группах и контроле не наблюдается. Вариант, с помещением листьев в весеннюю выкормку в ящики, покрываемые плёнкой для сохранения их питательных веществ, не имеет больших преимуществ перед покрытием влажной тарной джутовой тканью. Но следует учесть, что весна 2015 г. была необычно влажной для Таджикистана, чем объясняются небольшие потери влаги листом, укрытым влажной джутовой тканью. Кроме того, для беспрерывного её смачивания требуется большое количество дополнительной рабочей силы. При всех этих недочётах листья под смоченной джутовой тканью всё же через несколько часов увядают. При частом и длительном смачивании ткани в ней начинается брожение и образуется микрофлора.

Необходимо принять во внимание и то, что тарная джутовая ткань – строго фондируемый материал, который примерно в 6-8 раз дороже искусственной плёнки.

Большой интерес представляет опыт по хранению листа гибридной шелковицы в бункерах с применением тех же плёнок в условиях летней выкормки 2015 г. Гидротермический режим хранения листа был характерным для летних выкормок - температура окружающего воздуха 22-28^{0}С, влажность 61-76%. Контролем служил свежий лист.

Рис. 2. **Сохранность нарезанных листьев шелковицы под плёнкой**

В этом опыте потеря воды в листьях, хранившихся под поливинилхлоридной плёнкой, составила 5,4%, под полиэтиленовой – 5,5%, а под влажной тарной джутовой тканью – 9,6%.

Сохранность воды в листьях, укрытых плёнкой в летних условиях значительно лучшая, чем тарной джутовой тканью.

Климатические условия ранних выкормок, проведённых в 2015 году можно распространить и на обычные для Таджикистана условия при весенних выкормках во время V возраста гусениц.

Выращенные коконы были размотаны на оборудовании Кейнан ЕВ-240 и определялись технологические показатели шёлка-сырца (табл. 5).

Таблица 5

Показатели шёлка-сырца коконов, выращенных под плёнкой

Вид коконов	Технологические показатели					
	Масса образца, кг	Выход ш/с, %	Удельный расход кокона на получение 1 кг шелка	ДНРН, м	Общая длина, м	Качество 1 сорта, %
Коконы, контроль	500	23,6	3,6	600	900	60
Коконы из под плёнки	500	24,8	3,0	810	1210	85

Примечание: ДНРН - длина непрерывно-разматывающейся нити, м

ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Исходя из данных исследований можно заключить, что синтетические плёнки способствуют лучшему сохранению качества листа шелковицы. Полиэтиленовая и поливинилхлоридная плёнки могут широко использоваться в шелководстве:

a) при выкормке гусениц первого, второго и третьего возрастов;

b) для сохранения листьев шелковицы в листохранилищах и при перевозке к червоводням для всех возрастов гусениц.

Мешки из искусственных плёнок можно использовать при длительном хранении листа шелковицы в затяжную непогоду и заморозки.

В дальнейшем намечено изучить физико-химические свойства листа при хранении под плёнкой, а также влияние хранения в этих условиях на биологию и физиологию шелкопряда.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахмедов Н.А. Пиллачиликнинг халқ хўжалигида тут ганўрни ва унири вожлантириш чоратадбирлари.-ТошДАУ, 2008 г.

2. Ахмедов Н.А. Ипак қуртини жонлантириш.-Тошкент, 1992.

3. Ахмедов Н.А. Ипак қуртини бокишда прогрессив технология. -Тошкент, 2004.

4. Изатов М.В., Салимджанов С., Иброгимов Х.И. Эффективность централизованной выкормки гусениц младших возрастов тутового шелкопряда с применением стационарных устройств // Доклады ТАСХН. - Душанбе. -2019. -№2(60). -С. 40-44.

5. Постановление Правительства №409 от 30 августа 2011 г.

6. Ишматов А.Б., Салимджанов С. Совершенствование технологии переработки натурального шёлка // Сб. трудов ТУТ. - Душанбе, 2007. -В. XIII.-С. 110-114.

7. Мухитдинов, С.М. Кирмакпарвари / С.М. Мухитдинов, С.С. Рахмадов, С. Салимджанов, Ф.Р Хакимов, З.Б. Самадова, А. Абдунабиев // «Камоли Худжанди».– Худжанд. - 2010. – 126 с.

8. Азизов Т., Салимджанов С., Арипов О. Влияние условий выкормки на продуктивность интродуцированных из Японии пород тутового шелкопряда // Обеспечение импортозамещающей отечественной продукцией в условиях устойчивого развития Республики Таджикистан в сотрудничестве со странами Средней Азии: Материалы международной научно-практической конференции (29-30 ноября 2019 года), ТУТ. – Душанбе, 2007. – Часть 1. – С.7-11.

9. Изатов М.В., Салимджанов С., Иброгимов Х.И. Эффективность централизованной выкормки гусениц младших возрастов тутового шелкопряда с применением стационарных устройств // Доклады ТАСХН - Душанбе. -2019.-№2(60).-С. 40-44.

10. "Программа развития шелководства и переработки коконов тутового шелкопряда в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы". Постановление Правительст-

ва Республики Таджикистан №409 от 30 августа 2011 г.

11. Малый патент № TJ 982 от 18.03.2019г. Способ выкормки гусениц младших возрастов тутового шелкопряда/ Салимджанов С., Каюмов А.А., Азимов А.Дж., Сафаров Ф.М., Иззатов М.В.

12. Орипов О.О. Обоснование технологии выкормки зарубежных пород и гибридов тутового шелкопряда: дисс. к. с.-х. н.- Ташкент, 2020. -120 с.

13. Орипов О.О., Умаров. Влияние температуры и влажности воздуха на ввозимые породы тутового шелкопряда в Узбекистан из-за рубежа // Сб. статей Международной научно-практической конференции. ISBN 978-83-66401-40-2. 30-31.03 Варшава, 2020. - Краков.-С. 211-216.

14. Салимджанов, С. Шёлк. / С. Салимджанов, А.Б. Ишматов – Худжанд, 2008. – 300 с.

Республиканский научно-исследовательского центр по шелководству ТАСХН

ИСТИФОДАИ ПЛЕНКАИ СИНТЕТИКӢ ДАР РАВАНДИ ҒИЗОДИҲИИ КИРМАКҲО

С. САЛИМҶОНОВ, Н.М. АСОЗОДА, М.В. ИЗАТОВ

Дар мақола таҷрибаҳо оид ба роҳҳои нигоҳ доштани сифати барги тут, ки барои парвариши кирмак истифода мешаванд, нишон дода шудаанд. Баргҳои ҷамъоваришуда об ва ғизонокии сифатии худро пас аз муддате гум мекунанд, хусусан дар иқлими гарм зуд пажмурда мешаванд ва кирмакҳо онҳоро суст мехӯранд. Ин ба ҳосилнокӣ ва сифати пилла таъсири манфӣ расонида, баргдиҳӣ ба кирмак 20-30% аз меъёр зиёд масраф мегардад. Дар давраи парвариши баҳорӣ ва тобистонии кирмакҳо ду намуди плёнкаҳои синтетикӣ тадқиқ карда шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот плёнкаҳои полиэтиленӣ ва поливинилхлоридӣ ба хубтар нигоҳ доштани сифати барги тут мусоидат мекунанд. Дар асоси маълумотҳои ноилшуда васеъ истифода бурдани онҳо дар соҳаи пиллапарварӣ тавсия дода мешавад.

Калимаҳои калидӣ: *плёнкаҳои синтетикӣ, баргҳои тут, кирмаки пилла, парвариш, ашёи хоми абрешимӣ.*

USE OF SYNTHETIC FILMS IN THE PROCESS OF FEEDING SILKMOTH CATERPILLARS

S. SALIMJONOV, N.M. ASOZODA, M.V. IZATOV

Experiments are described on ways to preserve the quality of mulberry leaves used for rearing silkworms. Cut leaves lose their water and quality appearance for some time, quickly wither, especially in hot climates, and are poorly eaten by caterpillars. This negatively affects the yield and quality of cocoons, and also increases feed consumption by 20-30% more than the norm. Two types of synthetic films were studied during spring and summer rearing of silkworm caterpillars. According to the results of the experiments, polyethylene and polyvinyl chloride films contribute to a better preservation of the quality of the mulberry leaf. Based on the data obtained, recommendations are given for their widespread use in sericulture.

Key words*: synthetic films, mulberry leaves, silkworm caterpillars, rearing, raw silk.*

Контактная информация:
Салимджанов Сангинджон, к.с.-х. наук, вед.н.с. Республиканского научно-исследовательского центра по шелководству; э-почта: sanginjon51@mail.ru*; тел.: 927729225;*
Республика Таджикистан, г.Душанбе, 734067, Гипрозем, 17;
Изатов Мирали Валиевич, к.т.н., ст. преподаватель Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими; тел.: 937039303;
Асозода Нурали Махмадулло, д. с.-х. н., президент ТАСХН; Республика Таджикистан, г. Душанбе, 734025, проспект Рудаки, 21“А”; тел.:939121221;

Т Е Х Н О Л О Г И И И С Р Е Д С Т В А М Е Х А Н И З А Ц И И С Е Л Ь С К О Г О Х О З Я Й С Т В А

УДК 631.319:631.333

ТАРҲРЕЗИИ КУЛТИВАТОРИ ХУРДҲАҶМ БАРОИ ПАРВАРИШИ ЗИРОАТҲОИ КАЛАНДШАВАНДА

М. САФАРОВ, Ҷ.М. САФАРОВ, И.А. ИСКАНДАРОВ, Б. ХОЛМАТОВ

(Пешниҳоди академики АИКТ Т.А. Ахмедов)

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллифон култиватори хурдҳаҷмеро тарҳрезӣ кардаанд, ки барои парвариши зироатҳои каландшаванда дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ба кор андохта мешавад. Андозаҳои олоти кории он барои иҷрои амалҳои гуногун – ворид кардани нуриҳо, коркарди хоки байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда ва ғайраҳо бо истифода аз мотоблокҳо асоснок карда шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: *мотоблок, култиваторҳои хурдҳаҷм, хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ, зирпотаҳои каландшаванда, олотҳои корӣ, ворид кардани нуриҳо, коркардҳои байниқаторӣ.*

Ҳангоми эҷод кардан, сохтан ва дар амал ҷорӣ кардани мошинолотҳои кишоварзӣ муҳимтарин хусусиятҳои табиию хоҷагидориро – андоза, соҳаи фаъолият, шароити кор - иқлим ва хоки минтақаро ба эътибор гирифтан зарур аст.

Дар ҷараёни таҷдиди сохти хоҷагидории кишоварзии Тоҷикистон, бо таъсис ёфтани хоҷагиҳои хурдандозаи деҳқонӣ, нисбати истифодашавии трактору мошинолотҳои кишоварзии хусусан таъйиноти коркарди хок масъалаи нав - ихтироъ ва сохтани онҳо ба миён омад. Бо назардошти ҳалли чунин масъалаҳо, аз давраи аввали солҳои Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои илмию назариявӣ ва таҷрибавию конструкторӣ васеътар вусъат гирифтанд. Таҳқиқотҳои илмӣ-истеҳсолӣ маълум намуданд, ки тарҳрезии сохти мошинолотҳо бо истифодаи ҷузъҳои стандартӣ, пайдарҳамӣ ва ивазшавандагии ҷузъиёти мошинолотҳои наву амалкунанда ба роҳ монда шавад.

Коркарди хоки байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда бо ғизодиҳӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии хурдандоза ҳангоми нашъунамои растаниҳо аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби замона мебошад. Барои чунин корҳо култиваторҳои махсус пешбинӣ гардидаанд. Яке аз талаботҳои асосии агротехникие, ки нисбати чунин култиваторҳо муайян карда шудааст – мулоим кардани қабати хок ва нобуд сохтани алафҳои бегона дар байни қаторҳои зироатҳо бо ғизодиҳии зерихокӣ, дақиқан нигоҳ доштани минтақаи ҳимоявӣ мебошад, ки реша ва шохаи зироат осеб наёбанд. Талаботҳои дигаре, ки мошинолот бояд онҳоро қаноатманд созад, инҳоянд: тез ва осон пайваст шудан бо трактор (мотоблок), мувофиқ будан ба андозаҳо (габаритҳо) барои ҳаракат дар ҷойҳои пешбинишуда, бехатарии ҳаракати агрегат дар ҳолати корӣ ва нақлиётӣ, якхелагии чуқурии коркард ва ростхатагии ҳаракат, камтарин андозаи гардишҳо дар вақти иҷрои амалиёти технологӣ, металлғунҷоиши камтарин, эътимоднокӣ, истифодаи қувваи кории камтарин (як механизатор) ва маҳсулнокии баланд.

Умуман, лоиҳабандии мошинолотҳои кишоварзӣ бештар аз муайян кардани бари фарогирӣ ва вазни тахминии он асос мегирад.

Бари фарогирии мошинолоти лоиҳа $b_м$ [1] ва қувваи кашиши мотоблок (минитрактор) P бо чунин вобастагӣ муайян карда мешавад:

$b_м = \chi P / \rho$ = 0,85 Х 0,75 / 1,0 = 0,64 метр,

ки ин нишондод коркарди байни қаторҳои 60 ва 70 см-ро қаноатманд месозад.

Дар ин вобастагӣ χ = 0,75 - 0,85 - коэффитсиенти беандозаи истифодашавии қувваи кашиши мотоблок, *ρ* – муқовимати олотҳои кории мошинолотро дар як кг/метри бари фарогирӣ, чуқурии додашуда ва суръати ҳаракати агрегат тавсиф менамояд. Мафҳуми *P* аз тавсифоти техникии мотоблок гирифта мешавад.

Нишондоди *ρ,* агар барои лоиҳа вазифагузорӣ нашуда бошад, тавассути адабиёт бо назардошти намуди олоти корӣ, чуқурии коркард, суръати ҳаракати агрегат ва хусусиятҳои хоки минтақаи истифодашавии мошинолот интихоб карда мешавад.

Муҳимии коэффитсиенти χ мувофиқи Свирщевский Б.С. [2] дар андозаи 0,8-0,95, дар баъзе ҳолатҳо аз 0,7 то 1,0 тағйир меёбад.

Баъди муайян шудани бари фарогирии мошинолоти хурдҳаҷм вазни он чунин ҳисоб карда мешавад.

$$G_м = g_м \times b_м = 25 \times 0{,}70 = 18 \text{ кг},$$

ки ин ҷо $g_м$ – металлғунҷоиши нисбӣ мебошад.

Интихоби олотҳои кории коркарди хок барои култиватори лоиҳа вобаста аз талаботи агротехникии пешбинишуда нисбати зироати парваришшаванда иҷро карда мешавад (расми 1).



Расми 1. Олотҳои кории култиватор:
а – кафаки универсалӣ;
б ва *в* – хишовакунанкҳо;
г ва *д* - мулоимкунандаҳои қабати хок;
е – ҷӯяккашак; *ж* – олоти кории ғизодиҳанда; *з* – сихмолаи даврзананда.

Нисбати мақсаднок интихоб ва истифодашавии олотҳои кории култиваторҳои коркарди хоки байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда таҳқиқотҳои мукаммали назариявӣ ва амалӣ гузаронида, мушаххасоти кории онҳо барои хокҳои гуногун асоснок карда шудаанд [3].

Бо назардошти иҷрои амалиёти технологии коркарди хоки байни қаторҳои зироати картошка тавассути мотоблок, барои култиватори лоиҳа, мо олотҳои кории кафаки универсалӣ ва ғизодиҳандаро интихоб намудем (расми 1 *г* ва *ж*). Олотҳои кории пешбинишуда тавассути кунҷи тез ба хок ворид шуда, онро ковоку омехта месозанд. Олоти кории ғизодиҳанда меъёри додашудаи нурии минералиро ба дохили хоки минтақаи ғизогирии растанӣ ворид месозад.

Баландсозии самарабахшии нуриҳои минералӣ дар технологияҳои интенсивии парвариши зироатҳои кишоварзӣ масъалаи муҳими замона мебошад. Инро масъалаҳои иқтисодӣ ва ҳифзи табиат тақозо дорад. Яке аз вазифаҳои асосии технология - баланд бардоштани коэффитсиенти истифодашавии моддаҳои ғизодиҳанда барои растанӣ аст. Дар ин ҷода вазифаи воситаи техникӣ мақсаднок ва дақиқ барои ғизогирии растанӣ дастрас намудани нурии минералии додашуда мебошад.

Барои интихоби асбобҳои нуригузарон (барои култиваторҳои ғизодиҳанда) ҷиҳати ба хок ворид кардани нуриҳои минералии хушк, олимони ватанӣ ва хориҷӣ пайваста таҳқиқотҳои илмӣ-амалӣ мегузаронанд. Гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ ва санҷишҳои амалии чунин мошинолотҳо барои инкишоф ва такмилдиҳии техникаҳои ғизодиҳанда мусоидат менамояд. Дар натиҷаи санҷишҳо камбудию норасогиҳо, бартарии як намуд нисбати дигар намуди асбоб муайян карда мешаванд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки барои истеҳсолот коршоямтарин асбоб интихоб карда шавад.

Яке аз асбобҳои нуригузарони содатарину маъмултарин, ки барои култиваторҳои ғизодиҳанда истифода мешавад – асбоби олоти кориаш морпечи (шнек) аз сим сохташуда мебошад. Нисбати норасоиҳои ин намуди асбоб олимони Ҷумҳурии Украина [4] таҳқиқотҳо гузаронидаанд. Мақсади таҳқиқотҳои мазкур муайян ва асоснок кардани таъсирбахшии мушаххасоти геометрӣ ва сохти шнек нисбати сифати кишт, қобилияти воядиҳии асбоб ва баробар ба хок воридшавии нуриҳои минералӣ буд. Онҳо муайян карданд, ки шнеки аз сими қутраш 4 мм ва қадами байни морпечҳо 24 мм тавсифоти нисбатан беҳтар дорад. Инчунин тасдиқ карда шуд, ки нобаробар киштшавии нуриҳои минералӣ тавассути асбоби нуригузарони шнекдор аз мушаххасоташ вобастагӣ надорад.

Ҷараёни технологии асбоби нуригузарон аз ҳисоби он, ки дар тир сими морпеч (шнек) устувор карда шудаасту печҳо ба тарафҳои чапу рост тофта шудаанд, иҷро карда мешавад.

Бо назардошти сода ва истифодабариаш осон будан, мо барои култиватори лоиҳа асбоби нуригузарони шнекдори аз сими қутраш 4 мм ва қадами байни морпечҳо 24 мм сохташударо интихоб намудем (расми 2).



Расми 2. Зарфи ғизодиҳандаи култиватор:
1 – зарф; 2 – тири шнек; 3 – шнек.



Расми 3. Сохти конструктивии култиватори хурдҳаҷми КТ-1:
1-рама; 2-чархи такя ҳаракатдиҳанда;
3-зарф барои нурии минералии хушк;
4-қубури нуригузарон; 5-асбоби кишткунанда;
6-олотҳои кории коркарди хок

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда култиватори ғизодиҳандаи КТ-1 барои коркарди хоки байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда бо ғизодиҳии зерихокӣ тарҳрезӣ карда шуд (расми 3). Култиватори мазкур барои иҷрои амалиёти технологӣ бо мотоблокҳои класси 2 дастгоҳ мешавад.

АДАБИЁТ

1. Синеоков Г.Н. Проектирование почвообрабатывающих машин. – Москва: Изд. «Машиностроение», 1965. – С. 85.

2. Свирщевский Б.С. Эксплуатация машинно-тракторного парка. – М.: Сельхозгиз, 1958.

3. Горшенина В.И. Методические указания. «Машины и оборудование в растениеводстве», раздел «Основы теории и расчёта сельскохозяйственных машин» для специальности 311900 «Технология обслуживания и ремонта машин в АПК». – Мичуринск: Мичуринский гос. аграрный университет, 2006.

4. Сысолина И., Осипов И. Спирально-шнековый туковысевающий аппарат: Исследование и усовершенствование // Межведомственный научно-технический сборник: Кировоградский национальный технический университет. – В. 37, Украина, 2012 .

Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзӣ

РАЗРАБОТКА МАЛОГАБАРИТНОГО КУЛЬТИВАТОРА ДЛЯ ВОЗДЕЛЫВАНИЯ ПРОПАШНЫХ КУЛЬТУР

М. САФАРОВ, ДЖ.М. САФАРОВ, И.А. ИСКАНДАРОВ, Б. ХОЛМАТОВ

В результате научных исследований авторами разработан малогабаритный культиватор, предназначенный для использования в малых дехканских хозяйствах при возделывании пропашных культур. Обоснованы параметры его рабочих органов для выполнения различных операций – внесения удобрений, междурядной обработки почв и др. с применением мотоблоков.

Ключевые слова: *малогабаритные культиваторы, малые дехканские хозяйства, пропашные культуры, рабочие органы, внесение удобрений, междурядные обработки, мотоблоки.*

DEVELOPMENT OF A SMALL-SIZED CULTIVATOR FOR CULTIVATION OF ROW CROPS

M. SAFAROV, J. SAFAROV, I. ISKANDAROV, B. KHOLMATOV

The problem of cultivating row crops in small farms with the use of modern technical means is urgent. This article presents the results of scientific research on the development and substantiation of the operating parameters of a small-sized cultivator plant feeder for inter-row cultivation of row crop soils, using walk-behind tractors.

Key words: *walk-behind tractor, construction, cultivator, working bodies, soil cultivation, row crops, seeding devices, mineral fertilizers.*

Маълумот барои тамос:
Сафаров Мамадҷон. н.и.к., директори Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ҳисор, ш-ки Шарора, кӯчаи Дустӣ-7; тел.: 900-41-28-01; 931-16-41-72;
Сафаров Ҷонибек Мамадҷонович, ходими илмиии Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзӣ: тел.: 908-08-53-50;
Искандаров И.А. ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Абдуллобек-4; тел.: 918-69-69-20;
Холматов Б. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино

Э К О Н О М И К А И У П Р А В Л Е Н И Е С Е Л Ь С К И М Х О З Я Й С Т В О М

УДК 631.8

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ ЗАХИРАҲОИ ҶАНГАЛИ ТОҶИКИСТОН

Академики АИКТ Ҳ.М. АҲМАДОВ, З.Н. ХОЛОВ, Б.С. ХУДОЙҚУЛОВ

Дар мақола таҳлили пурраи захираи ҷангалҳои Тоҷикистон ва тасвири кӯтоҳи дарахтзорҳои ҷумҳурӣ ва майдонҳои онҳо зикр шудааст.

Муайян карда шуд, ки захираҳои ҷангал аз чӯб, ҳезум, меваҷот, растаниҳои ғизоӣ, гиёҳҳои шифобахш, техникӣ ва дигар маҳсулоти аз олами набототи фонди ҷангал ҷамъшаванда ва коркардшаванда иборат мебошанд.

Калимаҳои калидӣ: *ҷангал, дарахтзор, захира, флоросенотип, обнигоҳдорӣ, муҳофизат, санитарию гигиенӣ, солимгардонӣ.*

Ҷангалҳои қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин заминҳои фонди давлатии ҷангал, новобаста аз шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, фонди ягонаи ҷангали Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Ба фонди давлатии ҷангал, ҷангалҳои табиӣ, новобаста аз истифодабарандагони онҳо, ҷангалҳои сунъӣ, ки дар истифодаи мақомоти давлатӣ қарор доранд, инчунин заминҳои холие ки барои эҳтиёҷоти хоҷагии ҷангал пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд.

Захираҳои ҷангал аз чӯб, ҳезум, меваҷот, растаниҳои ғизоӣ, гиёҳҳои шифобахш, техникӣ ва дигар маҳсулоти аз олами набототи фонди ҷангал ҷамъшаванда ва коркардшаванда иборат мебошанд.

Ҷангалҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, асосан вазифаҳои муҳофизати замин, обнигоҳдорӣ ва солимгардонии муҳити зистро иҷро мекунанд ва ба категорияҳои зерин тақсим мешаванд:

- обнигоҳдорӣ – қитъаҳои муҳофизатии ҷангалҳо дар соҳили дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо ва дигар иншооти обӣ, аз ҷумла минтақаҳои мамнӯи ҷангалҳое, ки ҷойҳои тухмгузории ҷинсҳои пурқимати моҳиҳоро муҳофизат менамоянд;

- муҳофизатӣ - қитъаҳои ҷангали зидди эрозия, аз ҷумла қитъаҳои ҷангали нишебиҳои кӯҳ, қитъаҳои муҳофизатии ҷангали қад-қади роҳҳои оҳан ва автомобилгард, мавзеҳои пуразиши ҷангал ва дигар ҷангалҳои дорои аҳамияти зарурӣ барои муҳофизати муҳити зист;

- ҷангалҳои санитарию гигиенӣ ва солимгардонӣ - ҷангалҳои шаҳрӣ, ҷангалҳои минтақаҳои сабзи гирду атрофи шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, ҷангалҳои фароғатӣ, ҷангалҳои ҳифзи осоишгоҳҳои минтақаҳои истироҳатӣ;

- ҷангалҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда - ҷангалҳои мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва табиӣ, ҷангалҳои таъйиноти илмӣ, таърихӣ, осори табиӣ ва фароғатӣ;

- ҷангалҳои саноатии пистазору чормағзорҳо ва меваҷот.

Ҷангалҳои Тоҷикистон аз рӯи намуди дарахтон ба намудҳои асосии зерин тақсим мешаванд:

- арчазорҳо - ҷангалҳои ҳамешасабз - масоҳати умумии онҳо ба 150,0 ҳазор га баробар буда, асосан дар қисми шимолии Тоҷикистон ва қаторкӯҳҳои Ҳисор (минтақаи миёнакӯҳ ва баландкӯҳ), дар баландиҳои аз 1500 - 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгиранд (ҷадвали 1);

- пистазорҳо – масоҳати умумии онҳо ба 79,0 ҳазор га баробар буда, асосан дар қисми ҷануб, дар баландиҳои аз 600 то 1200 м паҳн гардидаанд;

Ҷадвали 1

Маълумот дар бораи миқдори умумии заминҳои ҷангалпӯш ва тақсимоти он ба намудҳои дарахту буттаҳо ба ҳолати 1 январи соли 2020

№	Номгӯйи хоҷагиҳо	Майдони умумӣ	Заминҳои ҷангалпӯш									
			Ҳамагӣ	аз он ҷумла								
				арча	чормағз	писта	бодоми талх	хуч	сафеддор, фарк	ангат	олуча	саксаул
1	х/ҷ вил Суғд	26381	640	440	-	-	-	50	50	-	-	100
2	х/ҷ Айнӣ	189260	21420	21200					220			
3	х/ҷ Ашт	26795	6320	5700			420		200			
4	х/ҷ Ҳувайдуллоев	37675	3830	3500			-		120		210	
5	х/ҷ Панҷакент	108066	20540	19500	-	-	520		220	300		
6	х/ҷ Шаҳристон	71527	29290	29200			-	70	10		10	
7	х/ҷ Истаравшан	15112	7900	7900			-		-			
8	х/ҷ Деваштич	56707	17620	17400			120	100	-			
9	х/ҷ Кӯҳистони Мастчоҳ	58496	2700	2700			-		-			
10	х/н Зафаробод	131										
	Ҷамъ:	**590150**	**110260**	**107540**	**-**	**-**	**1060**	**220**	**820**	**300**	**220**	**100**
1	х/ҷ вилояти Хатлон	49381	11940			10600	1300		40			
2	х/ҷ Панҷ	42660	15370			14950	420		-			
3	х/ҷ Шаҳритус	22968	4380	280		3000	1000		100			
4	х/ҷ Қубодиён	56665	14750		40	6000	-		-			8810
5	х/н Қубодиён	115										
6	х/ҷ Хуросон	55045	15480	400		13600	1000		480			
7	х/ҷ Н. Хусрав	20148	1420			700	720		-			
8	х/ҷ Норак	5205	2970		100	1100		30	1720		20	
	Ҷамъ:	**246211**	**66310**	**680**	**140**	**49950**	**4440**	**30**	**2340**		**20**	**8810**
	Минтақаи Кӯлоб	1131										
1	х/ҷ Ҳамадонӣ	4410	1020	-		500	200		320			
2	х/ҷ Данғара	60762	23790	1340	50	15600	2400		4400			
3	х/ҷ Муминобод	17423	6780	1940	1920		200	80	2290		350	
4	х/ҷ Дашти-Ҷум	51701	9700	900	800	400	1840	80	5600		80	
5	х/ҷ Шуробод	17625	8570	300		600	3140	300	4230			
6	х/ҷ Балҷувон	28920	11410	1300	320				8970		820	
7	х/ҷ Сари-Хосор	6033	4420	800	670			60	2810		80	
8	х/ҷ Ховалинг	107785	21630	3200	1970		800	340	14700		620	
9	х/ҷ Фархор	28967	11800	-		11400	400					
	Ҷамъ:	**324757**	**99110**	**9780**	**5730**	**28500**	**8980**	**860**	**43320**		**1950**	
1	х/ҷ ВМКБ	107839	10150		50		-	-	4500	5600		
2	х/ҷ Ванҷ	58833	4220	1900	20		200	-	1300	800		
	Ҷамъ:	**166672**	**14370**	**1900**	**70**		**200**	**-**	**5800**	**6400**		
1	х/ҷ Лахш	97458	2920	2340	-		-	170	300	110		
2	х/ҷ Тоҷикобод	28331	4370	300	-		-	-	3770	300		
3	х/ҷ Рашт	67397	6240	1820	550		-	100	3550	-	220	
4	х/ҷ Сангвор	98972	18680	6000	1200		-	120	11100	30	230	
5	х/ҷ Нуробод	5949	2490	1280	-		-	-	1210		-	
6	х/ҷ Роғун	21531	5870	530	300		200	100	4540		200	
7	х/ҷ Файзобод	15789	1980	-	-		600	100	1220		60	
8	х/ҷ Ваҳдат	21964	10006	300	290		320	10	8956		130	
9	х/ҷ Ромит	60681	9490	1820	550		680	20	6400		20	

10	х/ҷ Варзоб	12193	7780	1800	580		300	-	5000		100	
11	х/ҷ Ҳисор	1994	1800	500	50		380	30	570		270	
12	х/ҷ Шаҳринав	10806	7250	5500	70		500	200	680		300	
13	х/ҷ Қаратоғ	44446	5790	5000	50		300	-	410		30	
14	Минтақаи Эсанбой	23658	6800	2860	-	3070	200	-	670			
15	х/н Рашт	327										
16	х/н Ваҳдат	19										
	Ҷамъ дар НТМ:	**511515**	**91466**	**30050**	**3640**	**3070**	**3480**	**850**	**48376**	**440**	**1560**	
Ҳамагӣ:		**1845166**	**381716**	**149950**	**9580**	**81520**	**18160**	**1960**	**100656**	**7140**	**3740**	**8910**
Бешаи Палангон			41000									
Ҷамъи умумӣ			**422700**									

- бодомзорҳо - масоҳати умумӣ ба 12,0 ҳазор га баробар буда, дар баландиҳои аз 600 - 1200 метр аз сатҳи баҳр мерӯянд. Бодомзорҳо асосан дар қисми марказии Тоҷикистон ҷойгиранд;

- чормағзорҳо – масоҳати умумии чормағзорҳо 8,0 ҳазор га буда, асосан дар қисми марказии Тоҷикистон, дар баландиҳои аз 1000 то 2500 метр аз сатҳи баҳр паҳн гаштаанд;

- туғайзорҳо – дар масоҳати 38,4 ҳазор га паҳн гашта, асосан дар поёноби дарёҳои Вахш, Панҷ, Сирдарё ва Зарафшон воқеанд;

- тӯзорҳо – масоҳати умумиашон беш аз 3,0 ҳазор га буда, асосан дар қаторкӯҳҳои Ҳисор ва Дарвоз доман паҳн кардаанд;

- сафедорҳо - масоҳати умумӣ 7,0 ҳазор га-ро ташкил намуда, қариб дар тамоми манотиқи кишвар хуб месабзанд;

- саксавул – 8,0 ҳазор га заминро дар бар гирифта, асосан дар қисмҳои ҷануби кишвар ва вилояти Суғд мерӯяд;

- дигар намуди дарахту буттаҳо (заранг, бед, олуча, зирк, дӯлона ва ғайра) - 115,6 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд.

Майдони умумии заминҳои ҷангалпӯш ба ҳолати 1 январи соли 2019 422,7 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 381,7 ҳазор гектарро намуди дарахту буттаҳои арча, чормағз, писта, бодоми талхдона, хуч, сафедор, фарк, ангат, олучабандак ва саксавул дар ҳудуди хоҷагиҳои ҷангал ва 41 ҳазор гектари дигарашро дарахтони омехта ташкил мекунанд, ки дар ҳудуди мамнӯъгоҳҳои давлатӣ (аз ҷумла Бешаи Палангон) доман паҳн кардаанд.

Дар Тоҷикистон 5 намуди флоросенотипҳо васеъ паҳн шудааст Овчинников П.Н. (1947, 1971). Ин ҷангалҳои паҳнбарги мезофилӣ; сахтбарги ксерофилии камдарахт ё шибляк; майдабарги микротермӣ; арчазор ва туғайзор мебошанд, ки фоизи паҳншавии онҳо дар диаграммаи поён оварда шудааст (расми 1).



Расми 1. **Сохти майдонҳои ҷангалпӯш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Масоҳати ҷангалҳои дендрогалофитонӣ ва дендропсаммофитонӣ кам мебошад ва дар диаграмма дар гурӯҳи дигар намудҳои ҷангалҳо дохил карда шудааст.

Мақсади асосии Барномаи рушди хоҷагии ҷангал барои солҳои 2006-2015, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, баланд бардоштани самаранокии соҳаи ҷангал ва беҳбуд бахшидан ба ҳолати муҳити зист бо роҳи бунёд ва барқароркунии ҷангалҳо ба шумор меравад. Дар ҷадвали 2 маълумот оид ба бунёд ва барқароркунии ҷангалҳо оварда мешавад.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ аз солҳои 90-уми асри гузашта масоҳати бунёд ва барқароркунии ҷангал сол аз сол кам шуда истодааст. Масалан, агар дар соли 1991 майдони барқароркунӣ 4 ҳазор га-ро ташкил дода бошад, ҳоло ин нишондод ба 1,9 ҳазор га мерасад. Мусоидат намудан бо роҳи табиии барқароршавии ҷангал бошад, то соли 2014 гузаронида нашудааст. Ин кор аз соли 2015 оғоз карда шуд ва ҳоло ин нишондод тахминан 400 га-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан вазифаҳои муҳофизати замин, обнигоҳдорӣ ва солимгардонии муҳити зистро иҷро мекунанд. Масоҳати умумии онҳо 421 ҳазор га-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбати солҳои 90 - уми асри гузашта 10 ҳазор га зиёд мебошад.

Майдони асосии ҷангалзор барои шибляк ва арчазор

Корҳои барқарокунии ҷангал нисбати солҳои пештара суст буда, ҷамъулҷамъ 1,9 ҳазор га-ро дар бар мегирад. Барои вусъат додани ин корҳо бояд аз тамоми воситаҳои мавҷуда истифода бурд, ки майдони ҷангали ҷумҳурӣ зиёд шуда, ба тағйирёбии иқлим таъсири мусбат расонад.

Ҷадвали 2

Бунёд ва барқароркунии ҷангал (ҳазор га)

Нишондодҳо/солҳо	1991	2000	2010	2012	2013	2014	2015
Бунёд ва барқароркунии ҷангал	4,0	1,0	2,2	2,1	2,2	1,9	1,9
аз ин бо роҳи ниҳолшинонӣ ва кишти тухмӣ	3,9	1,0	2,2	2,1	2,1	1,9	1,9
аз ҷумла: мусоидат намудан бо роҳи табиии барқароршавии ҷангал	0,1		-	-	-		0,36
Ҷамъ:	**4,0**	**1,0**	**2,2**	**2,1**	**2,2**	**1,9**	**1,9**

АДАБИЁТ

Овчинников П.Н. О принципах классификации растительности. Сообщ. тадж. фил. АН СССР. – В. 2, 1947.

Овчинников П.Н. Ущелье реки Варзоб как один из участков ботанико-географической области Древнего Средиземья. // Флора и растительность ущелья реки Варзоб: тр. Инст. бот. АН Тадж ССР. – Т. 22. – Л.: Наука, 1971.

Институти хокшиносӣ ва агрохимия АИКТ

АНАЛИЗ СОСТАВА ЛЕСНЫХ ЗАПАСОВ ТАДЖИКИСТАНА

Х.М. АХМАДОВ, З.Н. ХОЛОВ, Б.С. ХУДОЙКУЛОВ

В статье приведены данные о полном анализе лесных запасов Таджикистана, краткое описание древонасаждений республики и их площадях.

Определенно, что запасы лесов состоят из древесины, дров, фруктов, полезных растений, лечебных растений, технических и других материалов, собираемых и обрабатываемых из флоры лесного фонда.

Ключевые слова: *лес, лесопосадки, запасы, флорогенотип, влагоудержание, защита, санитарно-гигиенический, оздоровление.*

ANALYSIS OF THE FOREST RESERVE PROPERTIES OF TAJIKISTAN

H.M. AHMADOV, Z.N. KHOLOV, B.S. KHUDOYQULOV

The data on the complete analysis of forest reserves in Tajikistan are presented. It is briefly said about the trees of the republic and their areas. It is certain that the forest reserve consists of wood, firewood, fruits, useful plants, technical and other materials that are collected and processed from the forest fund.

Key words: *forest, trees, stock, florosenotype, water retention, protection, sanitary and hygienic, healing.*

Маълумот барои тамос:
Холов Зафар Наҳтуллоевич, дотсенти кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур; 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146; тел.: +992 98-859-98-89; Kholov Zafar@yandex.ru;
Аҳмадов Ҳукматулло Маҳмудович, д.и.к., академики АИКТ, ходими пешбари илми Институти хокшиносӣ ва агрохимия; 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21а;
Худойқулов Бахтовар Субҳонович, дотсенти кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур; 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146, тел.:+992 93-143-16-46; Khudoikulov.1984@mail.ru

УДК-6П2.3

ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

А. И. РАҲИМОВ, С.А. ЭРКАЕВ, Р.Р. РАҲИМЗОДА

(Пешниҳоди академики АИКТ Ҷ.С. Пиризода)

Дар мақола захираҳои об ва нақши он дар рушди соҳаи кишоварзӣ, ба хусус чорводорӣ, парандапарварӣ, растанипарварӣ, боғдорию сабзаваткорӣ ва занбӯриасалпарварӣ, мавриди муҳокима қарор дода шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: *захираҳои об, хоҷагии қишлоқ, картошка, пахтакорӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, боғдорию сабзаваткорӣ, растанипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ.*

Чорабиниҳои байналмилалии ҷониби Тоҷикистон доир ба захираҳои об миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳти унвони «Раванди Душанбе дар соҳаи об» эътибор пайдо кардаанд. Соли 2020 ҷиҳати идомаи раванди мазкур ва татбиқи ташаббуси чоруми Тоҷикистон – “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028” дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор гардид. Об дар таърихи тараққиёти иқтисоди сайёра, афзоиши организмҳои зинда нақшгузор аст ва дар ҷаҳон гардиш карда, ҷараёнҳои мураккаби биогеохимиявиро аз сар гузаронида, сарчашмаи ҳастии мавҷудоти зинда, табиат, ҷамъият ва аз бойтарин муъҷизаи бебаҳо ба ҳисоб меравад. Дар масоили мубрами об ва инкишофи хоҷагии қишлоқ корҳои илмию тадқиқотӣ бомуваффақият иҷро шуда, дар асоси нақшаи инфиродӣ оид ба мавзӯи **«**Бавуҷудоии корхонаҳои аграсаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи онҳо» корҳои илмӣ идома доранд. Оид ба ин ва дигар масъалаҳои муҳими таърихии халқи тоҷик 10 рисола (брошюра), 40 мақолаи

илмӣ, 180 мақола дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ нашр карда шуданд. Дар 24 конференсияи илмии байналмилалӣ, 50 конференсияи ҷумҳуриявӣ, зиёда аз 270 конференсияи маҳаллӣ иштирок ва баромад карда, ғайр аз ин дар давоми соли хониш дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ҷумҳурӣ дар асоси рӯзҳои сиёсӣ зиёда аз 160 мулоқоту лексияҳо гузаронида, доир ба натиҷаҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ саволу ҷавобҳо ташкил шуданд. Об сарчашма, асоси зиндагӣ, саломатӣ, инкишоф, истеҳсолот, ҳамкорӣ ва зебоӣ буда, неъмати бебаҳои ҳаёт маҳсуб меёбад. Об дар қатори ҳаво, хок, оташ қарор дошта, зиндагӣ бе ин унсурҳои муҳим вуҷуд надорад. Аз миқдори захираи обҳои кураи замин 96,5%-ро обҳои уқёнусу баҳрҳо, 2,5 %-ро обҳои рӯйизаминӣ: ҷӯй, канал, дарё, ҳавз, кӯлҳо ва 0,9%-ро обҳои қабатҳои гуногуни сайёра ташкил медиҳанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ, масоили мубрами иштироки Тоҷикистон дар иқтисодиёти ҷаҳон об мебошад. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояш таъкид мекунад, об неъмати бебаҳо буда, масъалаҳои истифода ва таъмини аҳолӣ бо об характери умумиҷаҳониро гирифтааст.

Бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардидани резолютсия дар бораи эълон гардидани «Соли 2000- соли Сулҳ», «Соли 2003 – Соли байналхалқии оби тоза», «Об барои ҳаёт солҳои 2005 – 2015», «Соли 2012- соли байналхалқии дипломатияи об», «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 [5,1], ва ғайраҳо далели равшани эътирофи мавқеи Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар шароити ҳозира вазифаи асосии давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010 чунин қайд карда шудааст: "…мақсади асосии сиёсати рушди босуботи иқтисоди миллии давлати Тоҷикистон - ба роҳ мондани рушди устувори иқтисодӣ буда, ҳама нақшаҳои мо асосан дар доираи се ҳадафи стратегӣ, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, тарҳрезӣ гардидаанд ва тадриҷан амалӣ карда мешаванд" [1. 20]. Ҳадафҳои зикршуда инчунин ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мебошанд. Дар ҳалли ин масъалаҳои муҳим об қувваи ҳалкунандаро иҷро менамояд.

Дар солҳои истиқлолият барои инкишофи хоҷагии қишлоқ эътибори махсус дода шуд. Зеро 65%-и аҳолии кишвар дар деҳот зиндагонӣ мекунад ва қисми бештари он ба соҳаи аграрӣ машғул аст. Барои таъмини соҳаи аграрӣ ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида, барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ ба 1,3 млн. оила, яъне ба зиёда аз 7 млн. нафар шаҳрвандон 129 ҳазор гектар замин ҷудо карда дода шуд. Агар дар соли 1991 358 корхонаи саноатӣ фаъолият карда бошад, ҳоло шумораи он ба 3100 расидааст. Атрофи 400 колхозу совхозҳо корхонаҳои аграсаноатӣ фаъолият карда бошанд, дар асоси ислоҳот ба ҷойи онҳо 192 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ ташкил карда шуд.

Мувофиқи "Барномаи рушди босуботи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015" ба инкишофи соҳаҳои зерини кишоварзӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, боғдорию сабзавоткорӣ, растанипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ бештар диққат дода, дар инкишофи ин соҳаҳо об саҳми калон бозидааст [3, 23]. Сарвари давлат вазифа гузоштанд, ки дар 15 соли оянда бояд саҳми соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад ва дар асоси таъмини инкишофи соҳаҳои саноат ва аграрӣ Тоҷикистон ба кишвари саноативу аграрӣ табдил дода шавад[4, 23]. Дар ҳалли ин масъалаи муҳим Барномаи байналмилалии «Солҳои 2018-2028-Об барои рушди устувор» мавқеи ҳалкунандаро иҷро менамояд.

Дар ин давра ба ҳалли масъалаи об дар арсаи байналмилалӣ қабули барномаҳо ва амалӣ гардидани он аҳамияти калон дорад. Дар солҳои аввали истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои объекти-

вию субъективӣ истеҳсоли пахта кам шуд. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки сол аз сол истеҳсоли пахтаро бештар намояд. Барои тадбиқи нақшаҳои кишоварзӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас дида истодааст. Аз ҷумла хоҷагиҳо соҳиби техника ва технологияи пешқадами зироаткорӣ гардида, талаботи онҳо рӯз аз рӯз бо нуриҳои минералӣ, доруворихо ва кадрҳои баландихтисос таъмин гардида истодааст. Солҳои охир баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ диққати махсус дода мешавад.

Об моеи беранг, бебӯй, бемазза, бешакл мебошад ва сарчашмаи зиндагии тамоми мавҷудоти ҷаҳон аст. Бисёр будани оби тозаи нӯшокӣ ва табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишоф додани чорводорӣ хеле мувофиқ аст. Вобаста ба шароити кӯҳистон навъҳои хоси чорво тараққӣ дода мешаванд. Хушбахтона, ҳоло дар ҷумҳурӣ зотҳои сермаҳсули гӯсфандони гӯшту пашмдиҳандаи ҳисорӣ ва дигар навъҳои пурсамар эҳё ва инкишоф ёфта истодаанд. Маълум аст, ки фоизи бештари аҳолии ҷумҳурӣ, аз ҷумла насли наврас дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва аз тарбияи меҳнатии онҳо иҷроиши барномаи стратегии соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Обро инсон барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустушӯйи дасту рӯ, либос, сохтмони манзил, тозагии кӯчаҳо, хона, корхона, ҳавлӣ ва обёрии заминҳо истифода мебарад. Об дар тараққиёти соҳаи аграрӣ аҳамияти муҳим дошта, дар ин раванд барои пешрафти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ рӯз аз рӯз тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Масалан, ҷорӣ намудани низоми истифода бурдани об, ташкили Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ва ғайраҳо. Бо туфайли сиёсати хирадмандона Ҳукумати Тоҷикистон тавонист инвеститсияҳои мамлакатҳои хориҷии дуру наздикро барои эҳё ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ ҷалб намояд. Дар ин бора инкишофи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ноҳияҳои кӯҳистони ҷумҳуриямон шаҳодат медиҳад. Масалан, Агроаксияи Германия инкишофи кишоварзии водии Зарафшонро ба шефӣ гирифта, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ истеҳсоли картошка ва ғаллаи серҳосилро ба роҳ мондааст. Агроаксия мунтазам ба деҳқонон олоти истеҳсолӣ ва тухмии зироатҳои сифаташон баландро ройгон тақсим карда, дар таъмини об, сохтани ҷӯю каналҳои обгузар, қубурҳои обгузар ва дигар корҳо ёрӣ мерасонад. Ин тадбирҳо дар ҷумҳурӣ ба баланд гардидани сатҳи зиндагии шаҳрвандон мусоидат карда истодаанд.

Инсон бо роҳҳои обӣ заврақу киштӣ ронда, ҳар гуна бор ва мусофиронро мекашонад. Кори ягон соҳаи саноат бе об ба сомон намерасад. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷаҳони муосир масъалаи об яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад ва он барои рушди устувор, ҳифзи саломатии инсон, табиату экология ва рушди иқтисодиёт, аз ҷумла барои инкишофи соҳаи аграрӣ аҳамияти бузург дорад ва сол то сол мушкил ва печидатар мегардад. Афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хушксолӣ, биёбоншавӣ, инчунин набудани имконият барои таъмини истифодаи мақсадноки об омилҳоеанд, ки мушкилоти марбут ба обро торафт шадидтар месозанд. Барои ҳамин ҳам, кишварҳо вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ тақсимоти об ва истифодаи оқилонаи онро бояд ба роҳ монанд. Имрӯз агар кураи замин тақрибан 510 млн. км мураббаъро ташкил диҳад, аз он 361 млн. км мурабаъро об ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии об тақрибан ба 1400 млн. км куб мерасад, ки аз он ҳаҷми оби нушокӣ тақрибан аз 35 млн. км куб иборат аст. Дар асоси маълумоти СММ ИМА, Мексика, Россия, Хитой, Тайланд ва ғайра калонтарин давлатҳои истеъмолкунандаи об ба ҳисоб мераванд (5, 10) ва аҳолии ин давлатҳо рӯзафзун боло меравад, ки ин масъалаи таъмини обро душвор мегардонад. Инсон бе об зиндагӣ карда наметавонад. Ҳатто аз се ду ҳиссаи мавҷудияти одам аз об иборат аст. Аз панҷ чор ҳиссаи бадани растанӣ аз об иборат аст. Об барои ҳайвонот, растанӣ, табиат, ҷамъият ва ҳаёт низ зарур аст.

Об ҳамчун масоили мубрамӣ, дар иқтисодиёти ҷаҳон неъмати бебаҳо сарчашмаи тамоми мавҷудот мебошад. Дар давоми зиёда аз 16 соли охир дар ҷаҳон

масъалаи «иқтисоди сабз» дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор мегирад ва Тоҷикистон дар истеҳсоли «энергияи сабз», яъне нерӯи барқи тоза ба қатори 6 давлати пешрафтаи ҷаҳон дохил аст, ки ин дастоварди боиси ифтихор мебошад. Яке аз ҳадафҳои стратегии давлати мо - ин таъмини амнияти озуқаворист, ки барои амалӣ гардидани он рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ ва таъмини комплекси агросаноатии мамлакат бо об муҳим мебошад. Ин вазифаи муҳим дар Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мадди аввал меистад (6). Ҳадафи дуюм - таъмини истиқлолияти энергетикӣ аст, ки он баъди бунёди пурраи НБО –и Роғун амалӣ мегардад. Дар натиҷаи ба кор оғоз намудани ин иншооти бузург чи қадар корхонаву фабрикаҳо сохта шуда мавриди истифода қарор мегиранд, чи қадар ҷойҳои кори нав пайдо мешавад ва ҳамаи ин ба шарофати истифодаи оқилонаи об ба амал меояд. Қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон омода аст оби софу зулоли кӯли Сарезро барои таъмини аҳолии Ӯзбекистони бародар бо оби нӯшокӣ равона кунад, ки ин яке аз иқдомҳои хайрхоҳонаю башардӯстонаи Тоҷикистон нисбат ба ҳамсоягон аст.

Об дар тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ нақшгузор аст. Дар замони муосир бисёр давлатҳои дигар низ кӯшиш мекунанд, ки ба нерӯи барқи обии ҳам барои муҳити зист безарар ва ҳам арзон даст ёбанд ва давлатҳое, ки обро ҳамчун тавлидкунандаи нерӯи барқ истифода мекунанд, иқтисодиёташон зуд рушд мекунад. Мисол овардан мумкин – НБО-и Гезоуи Ҷумҳурии мардумии Чин дар дарёи Янтсзу дорои 33 агрегат буда, калонтарин неругоҳи барқи обии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар оби ҳамин дарё НБО-и «Се водӣ» бунёд шудааст, ки дорои 26 агрегат буда, 18,2 млн. кВ/с барқ истеҳсол менамояд. Яъне об то чи дараҷа муқаддас ва бузург асту барои беҳбудии рӯзгори мардум нафъ дорад. Тоҷикистон сарзамини сероб буда, дорои 25 000 дарё (дарозии 947 тоаш аз 10 км зиёд), 2000 кӯлу обанбор, 14000 пирях, беш аз 93 000 чашма (200 чашмаи табобатӣ) ва ғайра мебошад. Аз ин неъмат мо бояд ҳам фахр кунем ва ҳам обро сарфакорона истифода барем. Об аз ҳама бойтарин муъҷизаи бебаҳо аст.

Эҳёгари соҳибистиқлолият, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба парламенти кишвар таъкид намуданд: «Истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бе ворид намудани технологияҳои нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад. Дар панҷ соли охир беш аз 10 ҳазор техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ ба маблағи 570 миллион сомонӣ ворид карда, барои ин дар ҳаҷми беш аз 200 миллион сомонӣ имтиёзҳо татбиқ гардидаанд» [7, 25].

Қайд кардан ба маврид аст, ки об барои инкишофи кишоварзӣ пойдевор мебошад. Барои нигоҳ доштани шабакаҳои обёрии дохилихоҷагӣ, тақсимоти об байни аъзо, дигар истифодабарандагони об ва ҷамъоварии ҳаққи хизмати обрасонӣ, соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар барои Ассотсиатсияи истифодабарандагони об” қабул гардид. Ҳозир дар кишвари мо зиёда аз 192 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ, 120 ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 409 ассотсиатсияи истифодабарандагони об фаъолият менамоянд. Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ба 405, 82 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда хизмат мерасонанд.

Бисёрии мамлакатҳо аз набудани оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд. Ҳар сол дар кишвар 100-130 мактаб сохта, ба истифода дода шуда, ба масъалаи обрасонӣ ва таъмини хонандаҳо бо оби ошомиданӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Имрӯз 3876 мактаби кишвар пурра бо оби ошомиданӣ таъмин шудааст. Ҳоло 70%-и мактабҳо дар деҳот ҷойгир мебошанд ва онҳо дар инкишофи кишоварзӣ саҳми худро мегузоранд.

Об муъҷизаи бебаҳои табиат, асоси пойдории олам, покизагии аҳли замин, сарчашмаи ҳаётии мавҷудоти сайёра, ободӣ, рушду нумуъ мебошад. Об аст, ки гулу гиёҳ, дарахтону сабзавоти дунё рангу бӯй

